آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 апрели соли 2025
Шанбе
№ 28
(15143)

e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ҚАДАМИ МУҲИМ БАРОИ БА САТҲИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ БАРДОШТАНИ МУНОСИБАТҲО

**4 апрел дар шаҳри Самарқанд таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев нахустин нишасти «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» баргузор гардид.**




Дар чорабиние, ки таҳти шиори «Сармоягузорӣ барои оянда» баргузор шуд, Президенти Шӯрои Аврупо Антониу Кошта, Президенти Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, инчунин президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Одил Рено-Бассо ва роҳбарияти Бонки сармоягузории Аврупо иштирок карданд.

Тибқи рӯзномаи тадбир дурнамои рушди муносибатҳои гуногунҷанба ва ҳамкориҳои амалии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардида, доир ба ҷанбаҳои муҳими сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Ба тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва афзоиши мубодилаи маҳсулот, пешбурди барномаҳои муштарак ва лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои инноватсия, энергетикаи «сабз», истихроҷи маъдан, кишоварзӣ, наклиёт, логистика ва рақамисозӣ, идомаи табодули фаъол дар соҳаҳои фарҳанг, сайёҳӣ, фан, таълим ва дигар самтҳои афзалиятнок диққати махсус дода шуд.

Сарвари давлат зимни ифтитоҳи чорабинӣ бо қаноатмандӣ қайд кард, ки муносибатҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо, ки решаҳои амиқи таърихӣ доранд, босуръат рушд ва таҳким меёбанд.

Мулоқотҳои созанда ва босамар, ки дар остонаи нишаст баргузор шуданд, иродаи сиёсӣ ва азми қатъиро ҷиҳати амиқсозии шарикӣ ва ҳамкориҳои амалӣ дар роҳи манофеи ду минтақа нишон доданд.

Президент ба роҳбарони институтҳои асосии сиёсӣ ва иқтисодии Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии ҳамаҷониба аз равандҳои ҳамгироӣ ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ изҳори сипос кард.

Тавре сарвари давлатамон таъкид кард, ба туфайли иродаи умумии сиёсӣ равандҳои дигаргунсозии амиқ дар Осиёи Марказӣ ба худ хусусияти устувор ва бебозгашт гирифтанд. Эътимод ва ҳамсоягии нек таҳким ёфта, ҳамкориҳои васеъ ва робитаҳои кооператсионӣ густариш меёбанд.

Ҳамоиши Самарқанд воқеаи сиёсиест, ки дар муносибатҳои байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо марҳилаи комилан нав, таърихиро оғоз мебахшад. Бори аввал роҳбарони тамоми давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар як давра, дар як формат ҷамъ омада, дар масъалаи ба сатҳи шарикии стратегӣ бардоштани муносибатҳо иродаи қатъии сиёсиро намоён мекунанд.

Барои дарки амиқи аҳамияти ин ҳамоиш, ба таҳаввулоти муносибатҳо дар солҳои охир назар кардан кифоят мекунад.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ҲАМБАСТАГИИ МИНТАҚАВӢ БА ХОТИРИ РУШДИ УСТУВОР ВА ШУКУФОӢ

***4 апрел дар конгресс-холи Маркази байналхалқии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» нахустин анҷумани байналхалқӣ оид ба иқлим дар Самарқанд кори худро оғоз намуд.***

Дар ҷамъомади умумии анҷуман Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Шӯрои Аврупо Антониу Кошта, Президенти Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, роҳбари Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо Одил Рено-Бассо, Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии Аврупо Татяна Молчан, Директори иҷрогари Барномаи оид ба нуқтаҳои аҳолинишин Анаклаудия Россбах, Котиби иҷроияи Конвенсияи оид ба мубориза бо саҳрошавӣ Иброҳим Тиау ва дигарон иштирок карданд.

Дар рӯйхати иштирокдорон зиёда аз 2 ҳазор меҳмонони хориҷӣ, аз ҷумла роҳбарони созмонҳои экологии миллӣ ва ҷаҳонӣ, сохторҳои байналхалқӣ, коршиносон, олимон ва журналистон, намояндагони тиҷорат ҳастанд.

Мувофиқи рӯзномаи маҷлиси анҷуман дар мавзӯи «Осиёи Марказӣ пешорӯи мушкилоти ҷаҳонии иқлим: мустаҳкамсозии ҳамбастагии минтақавӣ ба хотири рушди устувор ва шукуфоӣ» масъалаҳои муҳими хатарҳои иқлимӣ, ки дар назди минтақаи мо қарор дорад, муҳокима гардида, масъалаҳои суботнокии экологӣ, рушди иқтисодиёти сабз ва ҳамкории минтақавӣ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим баррасӣ гардиданд.

Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш ба иштирокдорони анҷуман муроҷиати видеоӣ кард.

Дар ҷамъомади умумӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев суханронӣ кард.

Роҳбари давлати мо дар ибтидои суханронии худ бо қаноатмандӣ қайд намуд, ки намояндагии васеи байналхалқӣ дар анҷуман тасдиқи дахолати ҷомеаи ҷаҳон ба саъю кӯшишҳои муштарак барои дарёфти қарорҳои самарабахши масъалаҳои муҳимтарини рӯзмарраи рушди устувор ба шумор меравад.

Таъкид шуд, ки соли гузашта бори аввал ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ беш аз якуним дараҷа нисбати Селсия зиёд гардид. Даҳсолаи охир дар тамоми таърихи назорати обу ҳаво гармтарин шуд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НАХУСТИН ҲАМОИШИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!

Аз он ки шуморо дар ҳамоиши нахустини «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» хайрамақдам мегӯям, хурсандам.

Мехоҳам ба президенти Шӯрои Аврупо ҷаноби Антониу Коште, президенти Комиссияи Аврупо хонум Урсуле фон дер Ляйен, ба тамоми ҳамкорони ман – сарони давлатҳои минтақа барои ташаббуси моро бобати баргузор кардани ҳамоиш маҳз дар Самарқанди бостонӣ пазируфтанашон миннатдории махсус изҳор намоям.

Дар тӯли садсолаҳо ин шаҳри шуҳратёр, ки дар чорроҳаи Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор дорад, маркази муҳими мулоқоти тамаддунҳо, мубодилаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии байни Шарқ ва Ғарб будааст.

Ин гуфтаҳоро бисёр санадҳои таърихӣ собит менамоянд. Чунончи, маҳз дар ҳамин ҷо ҳокими Мовароуннаҳр Амир Темур беш аз шаш аср муқаддам робитаҳои фаъолонаро ба мақсади таъмин сохтани тиҷорати озод ва бехавф бо роҳбарони Аврупо ба роҳ монда буд.

Наметавонам саҳми олимон ва мутафаккирони бузурги мо – Хоразмӣ, Фарғонӣ, Берунӣ, Авитсенна, Улуғбек ва дигаронро дар рушди илм ва фалсафаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар Аврупо қайд накунам.

Имрӯз низ ман мехоҳам бо қаноатмандӣ таъкид намоям, ки муносибатҳои дорои решаҳои амиқи мо дар шароити кунунӣ муттасил инкишоф меёбад ва мустаҳкам мегардад.

Вохӯриҳои пурмуҳтаво ва пурмаҳсул, ки дар арафаи кушоиши ҳамоиши мо баргузор шуданд, мавҷудияти иродаи сиёсӣ ва қатъияти амиқсозии шарикиву ҳамкориҳои амалиро ба манфиати кишварҳо ва минтақаҳои мо бори дигар намоиш доданд.

Ба роҳбарони идораҳои бузурги Иттиҳоди Аврупо барои ҳусни тафоҳум ва дастгирии ҳамаҷонибаашон бобати қаробат ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ бори дигар миннатдорӣ изҳор менамоям.

Ман боз аз он хушнудам, ки дар ин толор шариконии анъанавии мо – президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо хонум Рено-Бассо ва намояндагони Бонки сармояи Аврупоро мебинам.

Нақши ин идораҳои молиявиро дар пешбурди вазифа ва қарорҳои ҳамоиши имрӯза, ки таҳти шиори «Сармоягузорӣ барои оянда» мегузарад, бузург меҳисобам.

Вобаста ба ин мехостам зикр намоям, ки ҳанӯз ҳашт сол муқаддам муносибати Ӯзбекистон бо Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо боздошта шуда буд. Имрӯз бошад мо бузургтарин узви бонки мазкур ба шумор меравем.

Муҳтарам ҳамкорон!

Вазирон ва коршиносони мо бинобар натиҷаи вохӯрӣ дар Ашхобод рӯзномаи кори ҳамоишро омода намуданд, ки тамоми самтҳои асосии ҳамкориҳои бисёрҷанбаро фаро мегирад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРӢ БО ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***4 апрел Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи Форуми иқлими Самарқанд роҳбарони сохторҳои СММ ва як қатор ташкилотҳои байналхалқиро қабул кард.***

Муовини Котиби генералии СММ, Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии Аврупо Татяна Молчан паёми самимӣ ва таманнои гарми Котиби генералии СММ Антониу Гутерришро ба Президенти Ӯзбекистон расонд.

Сарвари давлати мо нақшаи калидии Комиссияро дар ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030, инчунин кумакҳои коршиносӣ дар соҳаҳои нақлиёт, инноватсия, саноати бофандагӣ, энергетика, экология ва баробарии гендерӣ, инчунин масъалаҳои ворид шудани Ӯзбекистон ба Созмони ҷаҳонии савдоро таъкид намуд.

Ҷанбаҳои татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ ва кишварӣ, инчунин пешбурди амалии ташаббусҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамоиши нахустини Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) дар шаҳри Боку моҳи ноябри соли 2023 пешниҳод шуда буданд, баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ зикр шуд, ки бо пешниҳоди ҷониби Ӯзбекистон Консепсияи рушди СПЕКА то соли 2030 қабул гардида, бо Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ «Харитаи роҳ» оид ба содагардонии расмиёти савдо ба имзо расидааст ва маҷмӯи тадбирҳо барои рақамикунонии равандҳо ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар доираи Даҳлези наздикасбӣ пайгирона амалӣ мегардад.

Дар аввали сол бо дастгирии комиссия Ӯзбекистон ба Конвенсияи Орхус оид ба дастрасии аҳолӣ ба иттилооти боэътимод дар бораи вазъи экология ҳамроҳ гардид.

Масъалаи пайвастан ба Конвенсияи ҳавоӣ ва Конвенсия дар бораи таъсири фаромарзии фалокатҳои саноатӣ таҳти баррасӣ қарор дорад.

Аҳамияти ҳарчи зудтар ба фаъолият оғоз намудани Фонди мақсадноки Барномаи СПЕКА таъкид гардид.

Ҳангоми мулоқот бо муовини Котиби генералии СММ, Директори иҷрогари Барномаи СММ оид ба маҳалҳои аҳолинишин Анаклаудиа Россбах масъалаҳои рушди шарикии бисёрҷанба бо институти мазкури СММ дар соҳаи рушди босуботи шаҳр, такмули инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ баррасӣ гардиданд.

Намояндаи олии СММ ислоҳоти ҷории мамлакатамонро дар соҳаи урбанизатсия, ки ба рушди босуботи шаҳрҳои «оқил» ва «сабз» нигаронда шудааст, мусбат арзёбӣ намуд ва инчунин фароҳам овардани муҳити муносибро барои аҳолӣ мақбул ҳисобид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚЛИМИ САМАРҚАНД

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Иштирокдорони гиромии форум!

Хонумон ва ҷанобон!

Ман ҳамаи шуморо дар форуми байналмилалӣ, ки ба мушкили асосии замони муосир – тағйирёбии ҷаҳонии иқлим бахшида шудааст, самимона хайрамақдам мегӯям.

Аз ҳамкорони муҳтарам – роҳбарони Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин шарикони боэътимоди мо, ки Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, ташкилотҳои ҷаҳонӣ ва миллии экологиро намояндагӣ мекунанд, самимона миннатдорам.

Иштироки шумо дар форум намунаи садоқат ба талошҳои муштарак барои ҷустуҷӯи ҳалли самараноки масъалаҳои муҳими рушди устувор мебошад.

Итминон дорам, ки дар ин ҷо, дар Самарқанди бостонӣ, ки аз азал ҳамчун яке аз марказҳои тавлиди ғояҳои нав, донишҳо, эътимод ва ҳамкориҳои созанда маъруф аст, мо метавонем якҷоя ба мушкилоти иқлимии муосир ҷавобҳои муассир пайдо кунем.

Хуш омадед ба Ӯзбекистон!

Хуш омадед ба Самарқанд!

Иштирокдорони гиромии форум!

Соли гузашта бори аввал ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ беш аз якуним дараҷа аз рӯи Селсия баланд шуд. Даҳсолаи охирин гармтарин давра дар тамоми таърихи мушоҳидаҳои метеорологӣ гардид.

Дар натиҷа, имрӯз ҳамаи мо таъсири манфии бухронҳои иқлим – густариши сӯхторҳои ҷангал ва биёбоншавӣ, камшавии пиряххо, афзоиши норасоии захираҳои обӣ, бад шудани сифати ҳаворо эҳсос мекунем.

Таъкид менамоям, ки **масъулияти ҳифзи муҳити зист бар дӯши ҳамаи мост. Ин масъалаи калидии рӯзномаи мост.**

Бояд зикр кард, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ Стратегияи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро таҳия ва якдилона тасдиқ намудаанд.

Ӯзбекистон ният дорад, ки бо тамоми шарикон дар минтақа барои татбиқи амалӣ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои умумӣ ҳамкории зич анҷом диҳад.

Мо инчунин бо ҷониби Аврупо дар доираи барномаҳо оид ба коҳиш додани оқибатҳои хушкшавии Баҳри Арал, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва тавсеаи саҳми манбаъҳои «тоза»-и энергетикӣ бо муваффақият ҳамкорӣ менамоем. Чунин шарикӣ дар рушди устувори «сабз»-и Осиёи Марказӣ саҳми муҳим мегузорад.

Бешубҳа, имрӯз Иттиҳоди Аврупо пешвои ҷаҳонӣ дар ҳифз ва пешбурди масъалаҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим мебошад. Мо омода ҳастем, ки ҳамкории амалиро дар ин самт минбаъд низ амиқтар намоем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НАХУСТИН ҲАМОИШИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

(Аввалаш дар саҳ.1).

Имрӯз моро лозим аст, ки дар иҷлосияи умумии Анҷумани иқлимии Самарқанд, бахшида ба хурӯҷҳои кунунии экологӣ, ки Осиёи Марказӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад, якҷо иштирок кунем.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Вохӯрии мо дар шароити равандҳои шадид ва номафҳуми ҷаҳонӣ баргузор мегардад. Мо шоҳиди пурзӯр гардидани шиддати геосиёсӣ, мушкилоти амният, зиддиятҳои бузурги минтақавӣ, хурӯҷҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди устувор мебошем.

Равшан аст, ки ягон минтақа ба сари худ, бидуни ҳамкории васеи байналхалқӣ ба ҳаллу фасли ин гуна масъалаҳои мураккаб қодир нест. Вобаста ба ин таъкид менамоям, ки Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо шарикони анъанавӣ ба шумор мераванд, талабот ба ҳамкориҳои қарини тарафайни онҳо рӯзафзун аст.

Мо садоқати ҷониби Аврупоро ба равандҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ эътироф менамоем.

Оғози ҷараёни гуфтушуниди сулҳҷӯёна барои танзими вазъияти вобаста ба Украина истиқбол намуда, онро куллан дастгирӣ менамоем. Дарк мекунем, ки масъалаҳои хеле мураккаб ва басо мушкил бояд ҳаллу фасл шаванд. Мо навъи дигари ин саъю кӯшишҳои дипломатӣ ва ҳаллу фасли сиёсии ин масъаларо намебинем.

Муҳтарам ҳамкорон!

Рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи мо ба трансформатсияи амиқи Осиёи Марказӣ, ки ба шарофати иродаи умумии сиёсӣ ҷиҳати устувор ва бебозгашт пайдо кард, мусоидат менамояд.

Дар байни кишварҳои минтақаи мо эътимод ва ҳамсоягии нек мустаҳкамтар мегардад, ҳамкориҳои васеъмиқёс ва кооператсия вусъат пайдо мекунанд.

Ҳанӯз ҳафт-ҳашт сол муқаддам барои ин, ҳатто имконият ҳам набуд. Сарҳади байни баъзе кишварҳо пӯшида буданд. Савдо, транзит, тиҷорат ва ягон намуди мубодилаи инсонпарварӣ амал намекарданд. Муносибатҳо умуман боздошта шуда буданд.

Он замон ҳеҷ кас тасаввур ҳам карда наметавонист, ки дарояндаи наздиктарин мо якҷо аз минтақаи худ дар гуфтушунидҳо бо сарони Аврупо намояндагӣ мекунем.

Таъкид мекунам, рӯшодии Осиёи Марказӣ ва тайёрии он ба ҳамкориҳои муфиди тарафайн бо тамоми шарикон шарти муҳимтарини таъмин гардидани амният ва шукуфоии минтақа гардид.

Моҳи сентябри соли равон мо дар Тошканд аллакай Мулоқоти ҳафтуми машваратии сарони давлатҳои минтақаи худро мегузаронем, ки дар ҷараёни он тамоми вазифаҳои рӯзмарраи рӯзномаи муштаракро кушоду равшан ва ҳамаҷониба ҳаллу фасл менамоем.

Мехоҳам воқеаи таърихиеро, ки дар арафаи ҳамоиши имрӯза ба вуқӯъ пайваст, махсус таъкид кунам. Сухан дар бораи танзим ёфтан ва ба имзо расидани муоҳидаҳо бобати мушаххас сохтани сарҳадҳои давлатии байни Қирғизистон ва Тоҷикистон меравад.

Ҳамкорони муҳтарами худ Эмомалӣ Шарипович Раҳмон ва Садир Нургожиевич Ҷапаровро бори дигар самимона муборакбод менамоям.

Бояд қайд намуд, ки мо дар минтақа лоиҳаҳои бузурги сармоявӣ ва инфрасохториро муштаракона татбиқ менамоем. Дар ин маврид барои дастгирӣ намудани чунин лоиҳаҳо бунёд ва ширкатҳои муштараки сармоявӣ амал мекунанд. Ба мақсади рағбатноксозии онҳо минтақаҳои тиҷоратии наздисарҳадӣ созмон дода мешаванд.

Таъкид менамоям, ки ҳамаи ин ба рушди устувори иқтисодии кишварҳо ва умуман минтақа мусоидат менамояд.

Коршиносони Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо то шаш фоиз афзудани рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилии минтақаро пешбинӣ менамоянд, ки нисбати нишондиҳандаи минтақаҳои дигар хеле баландтар аст.

Аз ҷумла, дар Ўзбекистон рушди устувори иқтисодӣ аз ҳисоби саноатикунонӣ, сармоягузорӣ ба инфрасохтор, озодкунии иқтисодиёт ва дастгирии тиҷорат таъмин карда мешавад.

Корҳои ташаккул додани махсусияти умумиминтақавӣ, ҳамчунин дастгирӣ намудани мубодилаи фарҳангиву инсонпарварӣ ва таълимиро махсус зикр мекунам.

Мо дар кишварҳои худ бахшҳои муассисаҳои пешқадами таълими миллиро боз менамоем. Раводиди ягонаи осиёимарказиро барои сайёҳони хориҷӣ пеш мебарем.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Ҳамоиши нахустини мо идомаи мантиқии ду вохӯрии сарони Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ба шумор меравад, ки дар Қазоқистон ва Қирғизистон бомуваффақият баргузор шуда буданд. Ин иртибот барои дарки манфиатҳои ҷонибҳо ва мушаххас кардани самтҳои умумии шарикӣ муфид гардиданд.

Зикр мекунам, ки солҳои охир ҳамкории тарафайн бо Иттиҳоди Аврупо ба дараҷаи назаррас фаъол гардид. Тӯли ҳафт сол мубодилаи моли кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Иттиҳоди Аврупо чандин баробар афзуд ва 54 миллиард евроро ташкил дод.

Барномаҳои самарабахши ҳамкорӣ ба роҳ монда шуданд. Ҷамъомад, анҷуман, ҳамоиш ва конфронсҳои вазоратӣ бинобар тамоми самтҳои асосӣ мунтазам гузаронида мешаванд. Баробари ин, фикр мекунам, вохӯрии кунунӣ бояд «нуқтаи гардиш»-и давраи нав дар рушди муносибатҳои бисёрҷанба гардад.

Вобаста ба ин мехостам нуқтаи назари моро бинобар афзалиятҳои кори минбаъдаи муштарак ва пешомади дарозмуҳлат иброз намоям.

**Якум. Ин саъю кӯшиш ва сармояҳо дар таҳкими мулоқоти сиёсӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва идоравии ҳамкориҳои бисёрҷанба аст.**

Бинобар натиҷаи ҳамоиш қарори таърихӣ дар бораи ба роҳ мондани шарикии стратегии байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо қабул карда мешавад.

Мо коркарди муштаракона ва қабул намудани чораҳои маҷмӯиеро, ки ба татбиқи амалии дастурҳои ҳуҷҷати қабулшаванда нигаронида шудаанд, зарур меҳисобем.

Муътақидам, ки шарикии стратегии мо бояд бо қарор, лоиҳа ва барномаҳои мушаххас пурра карда шаванд.

Вобаста ба ин пешниҳод мекунем, ки масъалаи ба имзо расондани Муоҳидаи мукаммал дар бораи шарикӣ ва ҳамкории байни ду минтақаи мо баррасӣ карда шавад.

Мо ҳамчунин ҷонибдори баргузор намудани мулоқоти мунтазами сарони идораҳои сиёсати хориҷӣ барои «дақиқ» намудани рӯзномаи оид ба масъалаҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, фаъолтар кардани алоқаҳои байнипарлумонӣ ва таъсис додани Анҷумани ҳамкории байнипарлумонии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» бо ташкил намудани чорабинии нахустин аллакай тирамоҳи ҳамин сол дар Ўзбекистон, вусъат додани ҳамкории марказҳои пешқадами таҳлилӣ мебошем.

Пешниҳод бобати дар ду сол як бор гузаронидани ҳамоишро куллан дастгирӣ менамоем. Ба мақсади кори мунтазам бинобар таъмин сохтани сари вақт татбиқшавии муоҳидаҳо омодаем вазифаи котибияти ҳамоишро то ҷамъомади навбатӣ ба дӯши худ бигирем.

**Дуюм. Ченаки афзалиятноки ҳамкориҳои мо бояд сармоягузорӣ дар бозсозии иқтисодӣ ва технологӣ гардад.**

Ибтидои моҳи июн дар шарикӣ бо Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо мо Анҷумани сармоявии Тошкандро мегузаронем. Дар чорабинии мазкур ният дорем маҷмӯи лоиҳаҳоро бо ширкат ва бонкҳои машҳури аврупоӣ дар ҳаҷми зиёда аз 30 миллиард евро пешниҳод кунем.

Бояд таъкид кард, ки алҳол тамоми «роҳбаладҳо»-и тиҷорат, сарони саноатӣ ва сармоявии Аврупо дар Ўзбекистон ва кишварҳои дигари минтақа бомуваффақият кор мекунанд. Дар байни онҳо корпоратсияҳои «TOTAL», «Siemens», «Linde», «Airbus», «BASF», «IDF», «Orano», «OTP Group» ва бисёр дигарҳо ҳастанд.

Дар ҷараёни анҷуман баргузор намудани иҷлосияи алоҳидаи «Имконитяҳои сармоявии ду минтақа»-ро пешниҳод менамоем.

Дар он баргузор кардани муаррифии Консепсияи хиёбони саноати минтақавиро барои ширкатҳои аврупоӣ дар Ўзбекистон ба нақша гирифтаем.

Муътақидам, ки Муоҳида дар бораи кушодани идораи Бонки сармоявии Аврупо дар Тошканд, ки ба қарибӣ ба имзо расид, ба рағбатнокшавии сармояҳои бевосита ба Осиёи Марказӣ аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо хидмат мекунад.

Ба дастгирии ҷониби шарикони Аврупо бобати боз як ташаббус – дар бораи ба роҳ мондани Идораи сармоявӣ барои пешбурди лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаи энергетикаи «сабз», сармояҳо, нақлиёт, инфрасохтор ва сектори аграрӣ умед мебандем.

Ғайр аз ин, мо бо як қатор таклифҳои нав бобати қаринсозии манфиати иқтисодии кишварҳои худ баромад мекунем.

Ин, пеш аз ҳама, ба имзо расондани Муоҳидаи бисёрҷанба дар бораи ҳифз кардан ва рағбатноксозии сармояҳо, ба роҳ гузоштани Палатаи муштараки савдои «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» бо ба он васеъ ҷалб намудани намояндагони сектори хусусӣ, қабул кардани барномаи муштараки минтақавии дастгирии лоиҳаҳои тиҷорати хурд ва миёна, пеш аз ҳама соҳибкории занона мебошанд.

Тайёрем дар Ўзбекистон Анҷумани навбатии иқтисодӣ ва Анҷумани сармоягузорон оид ба робитаи тарафайни нақлиётиро қабул намоем.

Ҳамчунин вусъат додани кумакҳои техникии Иттиҳоди Аврупо барои баланд бардоштани иқтидори содиргарони мо, ташкил додани лаборатория ва марказҳои стандарткунонӣ ва сертификатдиҳӣ муҳим мебошад.

**Сеюм. Дар ҷараёни ҳамоиш қарор дар бораи амиқсозии ҳамкорӣ ва сармояҳо дар соҳаи захираҳои нодири минералӣ қабул карда хоҳад шуд.**

Бояд таъкид кард, ки Ўзбекистон соҳиби таҷрибаи бузурги мусбати ҳамкорӣ бо ширкатҳои машҳури аврупоӣ дар соҳаи ҷустуҷӯйҳои геологӣ ва аз худ намудани конҳои маводи стратегӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти баландтехнологӣ бобати коркарди амиқи онҳо ба шумор меравад.

Мо ният дорем амиқсозии ҳамкориҳои муфиди тарафайнро бо Иттиҳоди Аврупо дар самти мазкур ҳамаҷониба дастгирӣ намоем.

Монеаи асосӣ дар ин бобат набудани гузаргоҳҳои самарабахши нақлиётӣ барои расонда додани маҳсулоти мазкур, ҳамчунин молҳои тайёри саноатӣ ва кишоварзӣ ба бозорҳои Аврупо ба шумор меравад. Аз ҷумла, коркарди чораҳои ҳамҷиҳатона ва шароити барои тиҷорат муфид баҳри вусъат додану боркашонӣ дар Гузаргоҳи нақлиётии наздикасбӣ зарур мебошад.

Бовар дорам, ки вазифаҳои мазкур ба мақсадҳои барномаи умумиаврупоии «Дарвозаи умумӣ» куллан мусоидат менамоянд.

Вобаста ба ин пешниҳод мекунем, ки таҳти пуштбонии Иттиҳоди Аврупо мулоқоти вазирони нақлиёти кишварҳои хатсайри мазкур барои коркарди муносибатҳои муштарак даъват карда шавад.

**Чаҳорум. Сармоягузорӣ ба энергетикаи «сабз» ва устувории экологӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.**

Ўзбекистон лоиҳаи байналхалқӣ бинобар расонда додани энергияи барқ аз минтақаи Осиёи Марказӣ ба самти Аврупоро куллан дастгирӣ мекунад. Дар арафаи ҳамоиш муоҳидаи дахлдор бинобар татбиқ намудани лоиҳаи мазкур тасдиқ карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки мо ният дорем то соли 2030 саҳми энергияи навро ба эътидоли энергетикии мамлакат то 54 фоиз зиёд кунем ва иқтидори «сабз»-и 24 ҳазор мегаваттро ба кор андозем.

Барои ба роҳ гузоштани Шарикии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» оид ба энергетикаи «тоза» ҳамкории тарафайн платформаи муҳим буда метавонад.

Барои коркарди лоиҳаҳои молиявӣ ва рушди бозори «вомҳои гидрогенӣ» ҳамчунин таъсис додани Гурӯҳи кориро дар сатҳи роҳбарони идораҳои соҳавӣ пешниҳод менамоем.

Дар ҷараёни Анҷумани иқлимии пешбинишуда мо Консепсияи рушди «сабз»-и минтақаро пешниҳод мекунем.

**Панҷум. Сармоягузорӣ дар сармояи инсонӣ имкон медиҳад мубодилаи таълимӣ ва маданиву инсонпарварӣ вусъат дода шавад.**

Муваффақ шудан ба мақсади мазкур метавонад ба ҷорӣ намудани квотаҳои махсус барои кишварҳои минтақа дар доираи барномаи «Эразмус плюс» оид ба тайёркунии мутахассисони баландихтисос мусоидат намояд.

Тайёрем дар Ўзбекистон идораи барномаи «Уфқ – Аврупо»-ро барои вусъат додани ҳамкориҳои илмиву таълимӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис диҳем.

Ғайр аз ин, коркарди муштараки Барномаи мубодилаи илмӣ ва технологиро дар соҳаи зеҳни сунъӣ, «маълумоти зиёд», рақамикунонӣ ва тадқиқоти кайҳонӣ пешниҳод мекунем.

Ўзбекистон ҳамчунин бо ташаббусҳои ба Барномаи аврупоии амалиёт дар соҳаи таълими рақамӣ, татбиқсозии «харитаи роҳ»-и шарикии байни донишгоҳҳои пешқадами кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо баромад мекунад.

Намоишномаи балети миллии «Лазгӣ» бо иштироки мутахассисони аврупоӣ намунаи равшани кооператсия дар соҳаи маданӣ гардид.

Дар Аврупо намоишгоҳҳои мероси таърихии Осиёи Марказӣ дар осорхонаҳои бузургтарин, аз ҷумла Лувр, Осорхонаи нави Берлин ва Осорхонаи умумиҷаҳонии Вена бомуваффақият баргузор гардиданд.

Мехостем дар ҷараёни Конфронси генералии ЮНЕСКО, ки тирамоҳи оянда дар Самарқанд бори аввал тӯли чиҳил сол берун аз ҳудудҳои Париж баргузор мегардад, тамоми шарикони хориҷии худро бо маданият ва санъати ғановатманди халқҳои минтақа беш аз пеш ошно намоем.

Соли равон ҳамчунин дар Бухоро гузаронидани анҷумани нахустини сайёҳии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо»-ро ба нақша гирифтаем.

Ба ҳамкории шарикони аврупоӣ дар татбиқ сохтани консепсияи «Як саёҳат – тамоми минтақа» дар пояи ҷорӣ намудани таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ҳамчунин ба баррасии масъалаи соддатар кардани режими раводид барои сайёҳон аз минтақаи мо умед мебандем.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Муҳимияти ҳамкорӣ дар мубориза бо таҳдидҳои умумии амният, аз ҷумла терроризм, экстремизм, радикализм, ҷинояткории киберӣ, қочоқи нашъа ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ меафзояд.

Пешниҳоди шарикони аврупоӣ дар бораи ба роҳ мондани мулоқот оид ба масъалаҳои зидди терроризмро дастгирӣ мекунем.

Ҳамчунин вусъат додани ҳамкориҳои амалиро дар доираи барномаҳои «ВОМСА» ва «CADAP» муҳим мешуморем.

Тайёрем машварати сиёсиро оид ба масъалаҳои рушди сулҳхоҳонаи Афғонистон идома диҳем. Хеле таассуфовар аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хурӯҷҳои аз ҳудуди ин кишвар ба миён омада баҳои зарурӣ намедиҳад.

Мо ба ҷараёнҳои иқтисодиёти минтақавӣ, аз ҷумла бо роҳи татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоявӣ ва инфрасохторӣ, барқарор намудани сектори иҷтимоӣ фаъолона ҷалб кардани ҷониби Афғонистонро зарур меҳисобем. Ба дарк намудан ва дастгирӣ кардани муҳимияти ба роҳ мондани мулоқоти мушаххаси ҷомеаи байналхалқӣ бо ҳукумати кунунии Афғонистон барои иҷрои ӯҳдадориҳои қабулшуда умед мебандем.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Дар анҷоми суханронии худ мехостам муҳимияти ҷорӣ намудани механизмҳои татбиқсозии амалии ташаббус ва муоҳидаҳои моро махсус таъкид намоям.

Вобаста ба ин, таъсис додани Кумитаи шарикӣ дар сатҳи муовинони сарвазиронро дар шакли «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» бо баргузор намудани мулоқоти ҳарсола мувофиқи мақсад меҳисобем.

**Дӯстони азиз!**

Ба ҳамаи шумо барои мулоқоти рӯшод, муътамад ва пурмуҳтаво миннатдории амиқ изҳор мекунам.

Муътақидам: роҳбарони идораҳо ва ташкилотҳои молиявии машҳури Аврупо ба он чиз эътимод пайдо карданд, ки Осиёи Марказӣ бо мавқеи умумӣ баромад мекунад ва ба ҳамкориҳои васеъмиқёс ҳамчун шарики муътамад ва масъул тайёр аст.

Ҳамаи шуморо бо қарорҳои таърихӣ дар бораи истиқрори шарикии стратегии байни ду минтақа табрик мекунам.

Барои амалан татбиқ кардани тамоми муоҳидаҳои имзошуда ва ташаббусҳои пешниҳодгардида ба котибияти ҳамоиш таклиф менамоям, ки якҷо бо коршиносон дар муҳлати як моҳ «харитаи амалиёт»-ро тайёр кунанд, то мо тавонем ба тартиби корӣ тасдиқ намоем.

Барои эътиборатон ташаккур!

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚЛИМИ САМАРҚАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Хонумон ва ҷанобони муҳтарам!

Мушкилоти тағйирёбии иқлим ба амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

Дар ҳоле ки аҳолии минтақа дар давоми 25 соли оянда метавонад аз 100 миллион нафар зиёд шавад, заминҳои ҳосилхез босуръат коҳиш меёбанд. Имрӯз аллакай зиёда аз 20 фоизи масоҳати умумии заминҳои минтақа ба таназзул дучор шудааст. Пас аз чоряк аср ҳосилнокӣ метавонад сеяк коҳиш ёбад.

Дар робита ба ин, ҳаётан зарур меҳисобам, ки иқтидори илмии худро муттаҳид намоем, то мутобиқати ҷангалпарварӣ ва соҳаи аграриро баланд бардошта, амнияти озуқавориро дар доираи барномаи «Горизонт – Аврупо» тақвият бахшем.

Ўзбекистон бо мақсади кам кардани масоҳати заминҳои таназзулёфта ва коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» барномаҳои васеи сабзкориро амалӣ менамояд. Илова бар ин, дар зиёда аз ду миллион гектар заминҳои биёбонии минтақаи Наздиарал растаниҳои ба хушксолӣ тобовар шинонда шудаанд.

**Пешниҳод мекунам, ки ҳар сол дар арафаи ҷашни баҳории Наврӯз иқдоми минтақавӣ оид ба шинонидани дарахтон таҳти унвони «Камарбанди сабзи Осиёи Марказӣ» гузаронда шавад.**

Боварӣ дорам, ки ташкили он ба анъанаи нек табдил ёфта, рамзи ваҳдати мо дар муқобили офатҳои табиӣ хоҳад шуд.

Муҳтарам иштирокдорони форум!

Ўзбекистон гузариш ба модели рушди иқтисодии сарфакорона ва аз ҷиҳати экологӣ тоза оғоз намудааст.

Яке аз самтҳои асосии ин раванд – энергетикаи «сабз» мебошад. Дар панҷ соли оянда мо нақша дорем, ки ҳиссаи энергияи аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшавандаро ба 54 фоиз расонем. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ тақрибан ба 16 миллион тонна коҳиш дода шавад.

Мехоҳам таъкид намоям, ки мо тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳем, то Ўзбекистон ӯҳдадориҳои худро оид ба то 35 фоиз коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ дар доираи Созишномаи Париж пеш аз муҳлат иҷро намояд.

Ҳамзамон, мо ба ин ҳад маҳдуд намешавем.

Пешниҳод менамоем, ки дар шаҳри Тошканд Котиботи ташаббуси Иттиҳоди Аврупо «Об – Энергия – Тағйирёбии иқлим» барои сафарбарсозии маблағ, технология ва ихтисосҳоро таъсис дода шавад.

Илова бар ин, дар доираи татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар форум Консепсияи рушди «сабз»-и минтақа муаррифӣ хоҳад шуд.

Бовар дорам, ки қабул ва татбиқи минбаъдаи он барои рушди экологӣ дар Осиёи Марказӣ заминаи устувор фароҳам хоҳад овард.

Аъзои муҳтарами ҳайатҳо!

Тибқи пешгӯиҳо, то соли 2040 дар пасманзари коҳиши ҷараёни дарёҳои Ому ва Сир кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сатҳи баланди камбуди об рӯ ба рӯ хоҳанд шуд.

Мо аллакай оқибатҳои яке аз фоҷиаҳои бузурги башарият – хушкшавии Баҳри Аралро аз сар мегузаронем.

Бо мақсади сарфаи захираҳои об мо шабакаҳои обёриро бетонӣ намуда, заминаи саноатиро барои истеҳсоли технологияҳои сарфаи об фароҳам овардем, ки онҳо аллакай дар тақрибан нисфи заминҳои обёришавандаи мо (тақрибан ду миллион гектар) татбиқ шудаанд. Ба туфайли чунин чораҳо, соли гузашта тавонистем тақрибан ҳашт миллиард метри мукааб обро сарфа намоем.

Мо даъват мекунем, ки саъю кӯшишҳоро муттаҳид намуда, Барномаи минтақавӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаи обро дар Осиёи Марказӣ оғоз намоем. Барои муҳокимаи коршиносии ин нақшаҳо, мо ният дорем, ки дар минтақаи Наздиарал як форуми байналмилалӣ баргузор кунем.

Мо инчунин ба ҳамкории наздик бо Иттиҳоди Аврупо дар доираи Барномаи «Коперник» умед дорем, ки ҳадафи он анҷом додани мушоҳидаҳои доимии моҳворавӣ оид ба вазъи пиряххо ва ташхиси барвақтии хатари экосистемаҳои кӯҳии минтақа мебошад.

Ҳамчунин, Резиденсияи иқлимӣ, ки дар асоси «Донишгоҳи сабз» дар шаҳри Тошканд таъсис ёфтааст, метавонад ҳамчун як платформаи муштараки илмӣ-экспертӣ барои омӯзиш ва мониторинги равандҳои иқлимӣ дар Осиёи Марказӣ хидмат намояд.

Илова бар ин, фардо дар шаҳри Нукус Саммити фарҳангии Арал оғоз меёбад, ки ҳадафи он ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти экологии минтақаи мо тавассути лоиҳаҳои ҳунарӣ мебошад.

Дӯстони азиз!

Дар хотима, мехоҳам як иборои машҳурро ба ёд орам:

**«Мо Заминро аз гузаштагонамон мерос намебарем, балки онро аз фарзандонамон қарз мегирем».**

Имрӯз вазифаи мо ин аст, ки ҳама кори мумкинро анҷом диҳем, то наслҳои оянда дар ҷаҳони устувор, амн ва шукуфон зиндагӣ кунанд.

Барои ин, тақвияти муколама ва муттаҳид сохтани талошҳои ҳамаи кишварҳо, ки бо як ҳадафи олӣ муттаҳид шудаанд, зарур аст.

Барои таваҷҷуҳатон ташаккур!

# МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРӢ БО ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аҳамияти вусъат додани ҳамкорӣ дар заминаи татбиқи масъалаҳои муосири рақамисозӣ дар идора намудани шаҳр, таҳияи стандартҳои сохтмони «сабз», роҳандозии барномаи махсус оид ба мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар шароити шаҳр қайд гардид.

Масъалаҳои баргузор намудани Рӯзи ҷаҳонии тозагӣ дар Ўзбекистон ва дар Тошканд кушодани дафтари ташкилот баррасӣ гардид. Дар бораи қабул намудани «нақшаи роҳ» дар самтҳои ҳамкории амалӣ паймон ба вуҷуд омад.

Дар мулоқот бо муовини Котиби генералии СММ, Котиби иҷрогари Конвенсия оид ба мубориза бо биёбоншавӣ Иброҳим Тиау масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо ин сохтори бонуфузи СММ дар соҳаи мубориза бо биёбоншавӣ ва хароб гардидани замин дар мамлакатамон ва минтақа баррасӣ гардиданд.

Вакили СММ ба суханронии роҳбари Ўзбекистон дар анҷуман баҳои баланд дода, аҳамияти ташаббусҳои оид ба муқовимат ба хатарҳои иқлимӣ пешниҳодшуда ва саривақтӣ будани Консепсияи рушди «сабз»-и Осиёи Марказиро таъкид кард.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки бо як овоз Ассамблеяи генералии СММ моҳи августи соли гузашта резолютсияи Ўзбекистонро оид ба барқарор намудани ҷангал ва ҳамчунин оғози таҳияи мақсадҳои миллӣ оид ба бартараф намудани таназзули замин дастгирӣ намуд.

Қарор шуд, ки экспертҳои Конвенсия ба ташкил намудани Шабакаи байналхалқии илмӣ оид ба мубориза бо харобгардии замин ва биёбоншавӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи «сабз» дар шаҳри Тошканд ҷалб хоҳанд гардид.

Дар оғози мулоқот бо ҳайати намояндагон таҳти сарварии вазири энергетика ва инфрасохтори Аморати Муттаҳидаи Араб Суҳайл ал-Мазруӣ вазир ба роҳбари давлати мо салом ва орзуҳои беҳтарини Президенти АМА Шайх Муҳаммад Ол Наҳаён, Сарвазир, амири Дубай Шайх Муҳаммад Ол Мактум ва ноиби президент Шайх Мансур Ол Наҳаёнро расонд.

Масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ дар самтҳои устувор дар асоси "харитаи роҳ"-и қабулшуда баррасӣ шуданд.

Бо камоли қаноатмандӣ таъкид гардид, ки ҳангоми сафари Президенти Ўзбекистон ба Аморати Муттаҳидаи Араб дар моҳи январи соли равон натиҷаҳои таърихӣ ба даст омада, муносибатҳои гуногунҷанбаи ду мамлакат ба сатҳи шарикии стратегӣ бардошта шуданд.

Ҳаҷми савдои байниҳамдигарӣ, корхонаҳои муштарак ва теъдоди парвозҳои мустақим пайваста меафзояд. Бастаи лоиҳаҳо бо иштироки ширкатҳои пешқадами аморот қариб 20 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Ба пешбурди лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, электротехника, кишоварзӣ, хоҷагии об, модернизатсияи инфрасохтори коммуналӣ ва нақлиётӣ дар минтақаҳои Ўзбекистон диққати махсус дода шуд.

Масъалаҳои омодагӣ ба чорабиниҳои ояндаи сатҳи олӣ низ баррасӣ гардиданд.

Сипас, роҳбари давлатамон ҳамраиси Шӯрои корчаллонҳои Ўзбекистон – Саудӣ, раиси раёсати ширкати «ACWA Power» Муҳаммад Абунайёнро қабул кард.

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ бо ширкатҳои Арабистони Саудӣ баррасӣ шуданд.

Президентамон бо қаноатмандӣ таъкид кард, ки шарикии пурсамар бо ширкати «ACWA Power», ки сармоягузори стратегии бахши энергетикаи «сабз»-и Ўзбекистон мебошад, босуръат рушд мекунад. Ҳоло бастаи лоиҳаҳои муштарак, ки бо ин ширкат амалӣ мегарданд, ба 15 миллиард доллар расид.

Моҳи декабри соли гузашта дар вилояти Бухоро ду нерӯгоҳи шамол, ки иқтидори ҳар кадоми онҳо 500 мегаватт аст, ба шабака пайваст шуда, лоиҳаҳои бунёди ду нерӯгоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори умумии 1 гигаватт дар вилояти Самарқанд ва системаҳои нигоҳдории энергия дар вилояти Тошканд оғоз ёфтанд.

Зарурати навсозии таъминоти энергетикаи "сабз", инфрасохтор, дорусозӣ, гармӣ ва об, татбиқи босуръати лоиҳаҳо дар хоҷагии коммуналии хонаву ҷой ва дигар самтҳои афзалиятнок таъкид шуд.

Ба ин маъно, зарурати омодагии ҳамаҷониба ба ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ ва форуми тиҷоратӣ, ки соли ҷорӣ дар Самарқанд баргузор хоҳад шуд, зикр гардид.

**ЎзА.**

# ҚАДАМИ МУҲИМ БАРОИ БА САТҲИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ БАРДОШТАНИ МУНОСИБАТҲО

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Якум, муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ куллан тағйир ёфт. Муносибатҳои ҳамсоягии наздик, бародарӣ ва байни халқҳо ба худ мазмуни наву мусбат касб кард. Дар натиҷаи ин тағйирот дар минтақа рӯҳияи муттаҳидӣ пурзӯр гардида, нуфуз дар майдони байналмилалӣ афзуд, эътибори ҷамъияти ҷаҳониро ба худ ҷалб кард ва имконоти ҳамкории босамар бо субъектҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва минтақавӣ густариш ёфт.

Ҳоло дар робитаҳои байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо тағйироти сифатан ҷиддӣ мушоҳида мешавад.

– Ҳанӯз ҳафт-ҳашт сол муқаддам барои ин, ҳатто шароит вуҷуд надошт. Сарҳади байни баъзе мамлакатҳо пӯшида буданд. Савдо, транзит, тиҷорат ва ягон мубодилаи башардӯстона амал намекарданд. Муносибатҳо умуман боздошта шуда буданд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Тошканд Ҳафтумин вохӯрии машваратии сарони давлатҳои минтақа баргузор мешавад. Ин формати ҳамкорӣ барои ҳалли ошкоро ва конструктиви ҳама вазифаҳои муҳими рӯзномаи умумӣ хидмат мекунад.

Роҳбари Ӯзбекистон воқеаи таърихии дирӯз – ҳалли пурраи масъалаҳои марбут ба делимитатсияи сарҳади давлатӣ байни Қирғизистону Тоҷикистон ва имзои созишномаҳоро махсус қайд кард.

Зикр гардид, ки имрӯзҳо дар минтақа лоиҳаҳои бузурги якҷояи сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ амалӣ гардида, барои дастгирии онҳо фонд ва ширкатҳои сармоягузорӣ фаъолият доранд. Савдои минтақавӣ меафзояд, минтақаҳои савдои наздисарҳадӣ ташкил мегардад. Ин ҳама ба рушди устувори иқтисодии минтақа хидмат мекунад.

Мувофиқи пешгӯиҳои БАТР, маҷмӯи маҳсулоти дохилии умумии минтақавӣ дар соли ҷорӣ то 6 фоиз меафзояд, ки ин аз нишондиҳандаҳои миёнаи минтақаҳои дигар дар сатҳи назаррас баланд аст.

Корҳои муштарак оид ба ташаккули ҳувияти умумиминтақавӣ, инчунин дастгирии табодули фарҳангӣ-гуманитарӣ ва таълим махсус таъкид гардид. Дар мамлакатҳоямон филиалҳои муассисаҳои таълимии пешқадами миллӣ кушода мешаванд. Лоиҳаи раводиди ягонаи Осиёи Марказӣ барои сайёҳони хориҷӣ таблиғ мешавад.

Дар сатҳи назаррас густариш ёфтани ҳамкории байни минтақа ва Иттиҳоди Аврупо мушоҳида мегардад. Дар ҳафт соли охир ҳаҷми муомилоти мол миёни мамлакатҳо чанд маротиба афзуда, 54 миллиард евроро ташкил кард. Платформаҳои самарабахши ҳамкорӣ фаъол гардиданд. Аз рӯйи тамоми самтҳои муҳим мунтазам ҷамъомади вазирон, форум ва нишастҳо гузаронида мешавад.

Роҳбари Ӯзбекистон доир ба самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар давраи миёна ва дарозмуддат андешаҳои худро баён кард.

Нахуст, аҳамияти таҳкими мулоқоти сиёсӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии ҳамкориҳои бисёрҷониба таъкид гардид.

Зарурати якҷоя таҳия ва қабул кардани маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба татбиқи қоидаҳои санад дар бораи барқарор кардани шарикии стратегӣ байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо нигаронида шудаанд, ёдовар гардид.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани шарикии стратегӣ бо қарор, лоиҳа ва барномаҳои мушаххас баррасии масъалаи имзои Созишномаи пурра оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ дар байни ду минтақа пешниҳод карда шуд.

Президенти Ӯзбекистон аз рӯйи мунтазам гузаронидани вохӯриҳои роҳбарони идораҳои сиёсати хориҷӣ барои таҳияи мавқеъҳои муштарак оид ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ; фаъол намудани равобити байнипарлумонӣ, таъсиси форуми ҳамкориҳои байнипарлумонии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» ва баргузор намудани нахустин чорабинии он тирамоҳи ҳамин сол дар Ӯзбекистон; вусъат додани ҳамкории марказҳои таҳлилии пешқадам пешниҳодҳои худро баён кард.

Бо мақсади кори бонизом аз рӯйи таъмини татбиқи саривақтии созишномаҳо, Ӯзбекистон омодагии худро ҷиҳати ба ӯҳда гирифтани вазифаи котибияти нишастро то ҷамъомади навбатӣ изҳор намуд.

Сармоягузориҳо ба иқтисодиёт ва навсозии технологӣ ҳамчун самти афзалиятноки ҳамкории мутақобила муқаррар гардиданд.

Ҳоло бастаи лоиҳаҳо, ки якҷоя бо ширкат ва бонкҳои пешқадами Аврупо амалӣ мегарданд, аз 30 миллиард евро афзуд.

Пешниҳод гардид, ки дар доираи Форуми навбатии сармоягузории Тошканд сессияи алоҳида бахшида ба имкониятҳои сармоягузории ду минтақа гузаронида шавад ва тақдимоти консепсияи Парки минтақавии саноатӣ дар Ӯзбекистон барои ширкатҳои аврупоӣ ташкил гардад.

Бо қаноатмандӣ гуфта шуд, ки дирӯз созишнома дар бораи ифтитоҳи дафтари Бонки сармоягузории Аврупо дар Тошканд ба имзо расид, ки ин ба ҳавасмандгардонии ҷараёни сармоягузории мустақим аз мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ба Осиёи Марказӣ хидмат мекунад.

Роҳбари давлат барои пешбурди лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаҳои энергетикаи «сабз», инноватсия, нақлиёт, инфрасохтор ва аграрӣ, ташаббуси ба кор даровардани Платформаи инвеститсияро ба миён гузошт. Ғайр аз ин, Президенти Ӯзбекистон боз як қатор ташаббусҳоро иброз намуд.

Имзои созишномаи бисёрҷониба дар бораи ҳифз ва рағбатноксозии сармоягузорӣ, ба кор даровардани Палатаи муштараки савдои «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо», қабули барномаи муштараки минтақавӣ оид ба дастгирии тиҷорати хурду миёна, соҳибкории занон аз ин ҷумлаанд.

Соли равон Ӯзбекистон барои гузаронидани Форуми навбатии иқтисодӣ оид ба алоқаи нақлиётӣ ва Форуми сармоягузорон омода аст.

Инчунин ба масъалаҳои тавсеаи кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиркунандагон, таъсиси лаборатория ва марказҳои стандартизатсия ва сертификатсия таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Амиқтар кардани ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи захираҳои маъданҳои стратегӣ чун самти дигари ояндадори шарикии мутақобилан судманд зикр гардид.

Ӯзбекистон аз рӯйи ҳамкорӣ бо ширкатҳои пешқадами Аврупо таҷрибаи хуб дорад. Дар баробари ин, мавҷуд набудани долонҳои муассири нақлиётӣ барои интиқоли ин маҳсулот, инчунин маҳсулоти тайёри саноатӣ ва кишоварзӣ ба бозори Аврупо, садди роҳи густариши ҳамкориҳо дар ин самт мешаванд.

Ба ин маъно, зарурати таҳияи тадбирҳои ҳамоҳангшуда ва шароити мусоид барои тавсеа ва истифодаи долони нақлиётии назди Каспӣ таъкид шуд.

– Бовар дорам, ки ин вазифаҳо ба мақсадҳои барномаи умумиаврупоии «Дарвозаи глобалӣ» комилан мувофиқ меоянд, – гуфт сардори давлат.

Бо ин мақсад, таҳти сарпарастии Иттиҳоди Аврупо даъвати нишасти вазирони нақлиёти мамлакатҳое, ки дар ин самт воқеанд ва таҳияи бархӯрдҳои мутақобилан мувофиқ пешниҳод карда шуд.

Сармоягузорӣ ба энергетикаи «сабз» ва устувории экологӣ молики аҳамияти стратегӣ аст.

Таъкид гардид, ки Ӯзбекистон лоиҳаи байналмилалии интиқоли нерӯи барқро аз Осиёи Марказӣ ба Аврупо ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Дар мамлакати мо то соли 2030 ба 54 фоиз расондани ҳиссаи энергияи барқароршаванда дар балланси энергетикӣ, ба кор андохтани 24 ҳазор мегаватт неруи «сабз» дар назар аст.

Бо роҳандозии шарикии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» оид ба энергияи «тоза» метавон платформаи муҳими ҳамкории мутақобиларо таъсис дод.

Пешниҳод шуд, ки барои таҳияи масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳо ва рушди бозори «кредитҳои карбон» гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад.

Сармояҳое, ки ба капитали инсонӣ равона мегарданд, дар рушди ҳамкориҳои ду минтақа нақши муҳим доранд.

Барои кишварҳои минтақа ҷорӣ намудани квотаҳои махсус ҷиҳати омода кардани мутахассисони баландихтисос дар доираи барномаи «Erasmus+», барои ноил шудан ба ин мақсад хидмат мекунад.

Ғайр аз ин, бо мақсади густариши ҳамкориҳо дар соҳаи илмӣ-таълимӣ бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Ӯзбекистон барои кушодани дафтари барномаи «Уфуқ – Аврупо» омода аст.

Ташаббуси таҳияи барномаи муштараки мубодилаи илмию техникӣ дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, «маълумоти калон», рақамикунонӣ ва тадқиқоти кайҳонӣ ба миён гузошта шуд.

Президенти Ӯзбекистон пешниҳодотро аз рӯйи ба Барномаи ҳаракатҳои соҳаи таълими рақамии Аврупо дохил кардани мамлакатҳои минтақа, инчунин, татбиқи «харитаи роҳ»-и шарикии байни муассисаҳои пешқадами таълими олиро баён кард.

Зикр гашт, ки ҳамчун идомаи саъю кӯшишҳо ҷиҳати ошно намудани тамошобинони ҷаҳон бо фарҳанги ғании минтақаи мо, барои тарғиби санъати халқҳои Осиёи Марказӣ аз Конфронси генералии ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Самарқанд гузаронида мешавад, фаъол истифода намудан аҳамияти калон дорад.

Соли равон дар Бухоро гузаронидани нахустин форуми сайёҳии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» низ пешбинӣ шудааст.

– Дар асоси роҳандозии таҷрибаи мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, ҷиҳати татбиқи консепсияи «Як саёҳат – тамоми минтақа», инчунин, баррасии масъалаи содагардонии низоми раводид барои сайёҳон дар минтақа, ба кумаки шарикони аврупоии худ такя мекунем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм, радикализм, киберҷиноятҳо, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Пешниҳоди ҳамкорони аврупоӣ дар бораи роҳандозии мулоқот оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм дастгирӣ ёфт.

Аҳамияти идомаи ҳамкориҳои амалӣ дар доираи барномаҳои «BOMCA» ва «CADAP», инчунин машваратҳо оид ба масъалаҳои таъмини рушди сулҳхоҳонаи Афғонистон қайд карда шуд.

Сарвари давлатамон пешниҳод кард, ки бо мақсади роҳандозии механизмҳои татбиқи ташаббусу созишномаҳои пешниҳодшуда дар сатҳи муовинони сарвазир дар формати «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» Кумитаи шарикӣ таъсис дода шуда, ҳар сол вохӯриҳо гузаронида шаванд.

Дар чорабинӣ роҳбарони ҳайатҳо ҷиҳати густариши ҳамкориҳои амалии ду минтақа пешниҳодҳо ба миён гузоштанд.

Дар поёни нишасти нахустин Эъломияи муштарак дар бораи пойдор намудани шарикии стратегӣ байни ду минтақа ва Эъломия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маъданҳои муҳимтарин қабул карда шуд.

**ӮзА.**

# МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ҲАМБАСТАГИИ МИНТАҚАВӢ БА ХОТИРИ РУШДИ УСТУВОР ВА ШУКУФОӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Дар натиҷаи ин ҳамаи мо алҳол таъсири нохуши буҳрони иқлимӣ – афзудани миқёси сӯхтори ҷангал ва саҳрошавӣ, коҳиш ёфтани пиряхҳо, афзудани норасоии захираҳои об, бад гардидани сифати ҳаворо эҳсос менамоем, – изҳор дошт Президенти Ӯзбекистон.

Аз ҷониби кишварҳои минтақа Стратегияи обсозиш ба тағйироти иқлим дар Осиёи Марказӣ кор карда ва бо як овоз маъқул дониста шуд.

Ҳамкории бомуваффақият бо шарикони аврупоӣ дар доираи барномаи нармкунии оқибати хушкшавии баҳри Арал, истифодаи сарфакорона, вусъат додани манбаъҳои «тоза»-и энергия таъкид гардид. Ин гуна ҳамкорӣ дар пойдории рушди «сабз»-и Осиёи Марказӣ саҳми муҳим мегузорад.

Ба ин маънӣ манфиатдорӣ аз минбаъд амиқсозии ҳамкориҳои амалии тарафайн бо Иттиҳоди Аврупо – пешоҳанги ҷаҳонӣ дар ҳифз кардан ва пешбурди масъалаҳои мубориза бо тағйироти иқлим зикр шуд.

Махсус таъкид гардид, ки мушкилоти тағйироти иқлим бо амнияти хӯроквори ва энергетикӣ иртиботи ҷудонопазир дорад.

Заминҳои ҳосилхез босуръат коҳиш меёбанд, алҳол зиёда аз 20 фоизи масоҳати умумии заминҳои минтақа касиф шудаанд. Баъд аз чаҳоряк аср ҳосилнокӣ мумкин аст се баробар коҳиш ёбад.

– Вобаста ба ин муттаҳид кардани имкониятҳои илмии мо барои пешбурди обсозишии хоҷагии ҷангал ва сектори аграрӣ, ҳамчунин мустаҳкам намудани амнияти хӯрокворӣ дар доираи барномаи «Уфқ – Аврупо»-ро ҳаётан муҳим меҳисобам, – гуфт сарвари мамлакати мо.

Президент дар бораи чораҳое, ки дар Ӯзбекистон бобати коҳиш додани майдони заминҳои харобшуда ва нарм кардани оқибати тағйироти иқлимӣ андешида мешаванд, маълумот дод. Дар доираи барномаи «Яшил макон» кабудизоркунии васеъмиқёс амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин дар зиёда аз 2 миллион гектар ҳудудҳои хушкшудаи Наздиарал ниҳоли рустаниҳои ба хушкӣ тобовар нишонда шуданд. Пешниҳод гардид, ки ҳар сол дар арафаи ҷашни баҳории Наврӯз бобати нишондани ниҳолҳои «Камари сабзи Осиёи Марказӣ» Иқдоми минтақавӣ гузаронида шавад.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳамчунин ба татбиқ намудани модели сарфакори захира ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи рушди иқтисодӣ эътибори махсус зоҳир кард.

Дар соҳаи мазкур яке аз самтҳои асосӣ энергетикаи «сабз» ба шумор меравад.

Пешбинӣ мегардад, ки дар тӯли панҷ соли наздиктарин саҳми энергияе, ки аз манбаъҳои нав ба даст меоянд, то ба 54 фоиз расонда шавад, ки имкон медиҳад ҳаҷми партови гази гармхонаҳо анқариб 16 миллион тонна коҳиш дода шавад.

– Мехоҳам таъкид намоям, ки мо барои пеш аз мӯҳлат иҷро кардани ӯҳдадориҳои Ӯзбекистон бобати дар доираи Муоҳидаи Париж 35 фоиз коҳиш додани партови гази гармхонаҳо тамоми саъю кӯшишҳои худро равона мекунем, – қайд намуд роҳбари давлат.

Дар идомаи саъю кӯшишҳои самти мазкур дар Тошканд таъсис додани Котибияти ташаббусҳои Иттиҳоди Аврупо «Об – Энергия – Тағйироти иқлим» барои сафарбаркунии молиявӣ, технологӣ ва компетентсияҳо пешниҳод гардид.

Муҳимияти Консепсияи рушди «сабз»-и минтақа, ки дар ҷараёни анҷумани кунунӣ пешниҳод мегардад, махсус таъкид шуд.

Президенти Ӯзбекистон ба масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои об таваққуф намуда, изҳор дошт, ки дар соли 2040 кишварҳои Осиёи Марказӣ ба дараҷаи баланди норасоии об дар партави кам шудани оби дарёҳои Ому ва Сир рӯ ба рӯ мегарданд.

Таъкид гардид, ки ба мақсади сарфаи захираҳои об бобати бетонӣ кардани шабакаҳои обрасонӣ кор бурда мешавад, бинобар ба роҳ мондани технологияҳои сарфакори об, ки аллакай тақрибан дар нисфи заминҳои обёришавандаи мо ҷорӣ карда шудаанду тақрибан 2 миллион гектарро ташкил медиҳанд, пойгоҳҳои саноатӣ созмон дода мешаванд. Ба шарофати чунин чорабиниҳо соли гузашта ҳифзи тақрибан 8 миллиард метри мукааб об имконпазир гардид.

– Мо даъват менамоем, ки саъю кӯшишҳо муттаҳид карда, бобати ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакори об дар Осиёи Марказӣ Барномаи минтақавӣ андешида шавад – изҳор дошт Шавкат Мирзиёев.

Барои баррасии коршиносонаи тамоми ин масъалаҳо дар минтақаи Наздиарал баргузор кардани Анҷумани байналхалқӣ оид ба технологияҳои сарфакори об пешбинӣ мегардад.

Ҳамчунин манфиатдорӣ дар ҳамкории қарин бо Иттиҳоди Аврупо дар доираи Барномаи «Коперник» доир ба назорати муттасил аз ҳамроҳҳои маснуи замин бинобар ҳолати пиряхҳо ва ташхиси ибтидоии талафот барои низомҳои экологии кӯҳистони минтақа таъкид шуд.

Ба сифати платформаи умумии илмию экспертӣ оид ба омӯхтан ва мониторинги равандҳои иқлимии Осиёи Марказӣ метавонад Резидентсияи иқлимӣ, ки дар пойгоҳи «Донишгоҳи сабз» дар Тошканд созмон дода шудааст, амал кунад.

Баробари ин 5 апрел дар Нукус Ҳамоиши мадании Арал, ки бояд эътиборро ба мушкилоти экологии минтақаи мо аз тариқи лоиҳаҳои санъат ҷалб намояд, кори худро оғоз мекунад.

Дар анҷоми суханронии худ роҳбари давлати мо бори дигар вазифаи умумӣ – «Барои он ки насли оянда дар ҷаҳони пойдор, амну амон ва шукуфо зисту зиндагӣ кунанд, тамоми корҳоро бояд иҷро кард»-ро ёдовар шуд.

– Барои ин бояд мулоқотҳо мунтазам бошанд, саъю кӯшиши тамоми давлатҳое, ки ба ин мақсади неки умумӣ нигаронида шудаанд, муттаҳид гарданд, – хулоса кард Президенти Ӯзбекистон.

Дар форум сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва роҳбарони институтҳои асосии Иттиҳоди Аврупо баромад карданд.

Пас аз ҷамъомади умумӣ форум кори худро дар сессияҳои панелӣ идома дод.

Сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо якҷоя аз намоишгоҳи ҳамоиши фарҳангии Арал боздид карданд.

Дар ин намоишгоҳ ташаббусҳои нодире пешниҳод шуданд, ки ба барқарорсозии экосистемаи Арал, ҳифзи мероси фарҳангии минтақа ва мусоидат ба рушди устувор нигаронида шудаанд.

Тавассути унсурҳои визуалӣ, сенсорӣ ва интерактивӣ меҳмонон тавонистанд бо бойигарии табиӣ ва фарҳангии минтақаи Наздиарал шинос шаванд.

Дар миёни экспонатҳо – аксҳои суратгири маъруф Иван Баан, ки ба аксбардории меъморӣ ва манзаравӣ тахассус дорад, инсталлятсияи гулсозӣ аз найзорҳо, ки растании хос барои Қароқалпоқистон мебошанд, инчунин намунаҳое аз минтақаи Наздиарал, аз ҷумла тухми саксавул, садафҳо, намаки табиӣ, гиёҳи хушкшудаи гармала, ҳисор бо нақшу нигори анъанавӣ ва дигар артефактҳо ба намоиш гузошта шуданд.

**ӮзА.**

# 19 КОНИ НАФТУ ГАЗ МУАЙЯН ГАРДИД

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Вазорати саноати маъдани кӯҳ ва геология дар мавзӯи «Сарҳисоби фаъолияти соли гузашта ва нақшаҳо барои соли ҷорӣ» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Дар он намояндагони соҳа, корхонаву идораҳои дахлдор ва мутахассисон ширкат варзиданд.

Муовини вазир Ӯрал Юсуфов таъкид кард, ки соли гузашта дар доираи барномаи давлатии рушди пойгоҳи ашёи хоми маъданӣ 2,3 миллион метр корҳои пармакунӣ, 261,2 ҳазор метри мукааб корҳои рӯйизаминии маъдани кӯҳӣ, 8,8 ҳазор метр корҳои зеризаминӣ ва монанди ин анҷом дода шуд. Барои тадқиқоти геологӣ аз рӯйи 299 лоиҳа 2,5 триллион сӯм, инчунин аз ҳисоби буҷет 850 миллиард сӯм ва барои корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ 1,6 триллион сӯм ҷудо гардидааст.

Дар натиҷа захираҳои тилло, нуқра, мис, уран, сурб, обҳои рӯйизаминӣ нисбат ба нақшаи солона хеле афзуд. 19 кони нави ояндадори нафту газ муайян гардида, захираҳои гидроген 194 дарсад зиёд шуд. Дар натиҷа аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ дар вилоятҳои Бухоро, Хоразм, Фарғона ва Сурхондарё конҳои Янги Култак, Чунагар, Алачавон, Коктепа, Хидир муайян шуданд.

— Соли ҷорӣ ба корҳои тадқиқотии геологӣ аз рӯйи 285 лойиҳа 900 миллиард сӯм маблағи буҷа ва 2,1 триллион сӯм маблағи саноати кӯҳӣ равона карда мешавад. Барои азнавсозии системаи ташкилот аз ҳисоби маблағҳои буҷет 3,6 миллиард сӯм ҷудо мешавад. Дар натиҷа 22 намуд захираи канданиҳои фоиданок хоҳад афзуд, — гуфт мушовири вазир Нурбек Ҳақбердиев.

Зикр гашт, ки канданиҳои фоиданоки гуногун ва оби ошомиданӣ бойигарии зеризаминиро ташкил медиҳанд.

Бино ба маълумоти масъулон обҳои ширин ва камшӯри зеризаминии мамлакат 75,6 миллион метри мукаабро ташкил медиҳанд. Дар баробари давлатҳои ҷаҳон дар Ӯзбекистон низ низоми муайяни дарёфт кардани бойигариҳои зеризаминӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо ҷорӣ карда шудааст. Сохтори ҳу-қуқии он дар қонун «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз соли 1994 ва дигар санадҳо инъикос ёфтааст.

Бино ба ҳуҷҷати мазкур намудҳои истифода аз сарватҳои зеризаминӣ, омӯзиши геологии минтақаҳо ва ба даст овардани канданиҳои фоиданок муайян карда шудааст.

Аз ин сарватҳои бебеҳо оқилона истифода бурдан ба гулгулшукуфии иқтисодиёти мамлакатамон заминаи мустаҳкам фароҳам меоварад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ба пешвози 80-солагии Ғалаба*

# БАРОДАРОНИ ДИЛОВАР

***Қаҳрамонон намемиранд, корнамоиҳои онҳо дар дилу дидаи мардум боқӣ хоҳад монд. Дар маҳаллаи Бухории ноҳияи Самарқанд додарон Тӯрақул ва Аҳрор Ҷӯраевҳо, ки солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рустамона размида Ватанро ба пирӯзӣ расонидаанд, зиндагӣ доштанд ва ҳоло дар тахтаи фахриёни маҳалла ному насаби онҳо сабт ёфтааст…***

Дар оилаи Саид Ҷӯраев ва Мушаррафахола се нафар писаракон – Тӯрақул, Аҳрор ва Ҳамроқул ба камол расида, калонӣ баъди хатми омӯзишгоҳи кишоварзии ба номи Мичурини Самарқанд, соли 1939 ба сафи Армияи Сурх даъват гардид. Ҳангоме ки вай дар Украина хидмат мекард, Олмони фашистӣ аҳдшиканона ба хоки Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум кард. Қисми ҳарбии Тӯрақул Ҷӯраев зери борони шадиди гулӯлаҳои тӯп монд. Танҳо чанд нафаре, ки дар хандақи зеризаминӣ буданд, саломат монданд, аксари сарбозон ҷон бохтанд.

Аз ҳуҷумҳои душман ва бартарии онҳо қисми ҳарбии нерӯҳои шӯравӣ ноилоҷ ақибнишинӣ кард, муҳорибаҳои шадид дар самти шоҳроҳи Можайск ҷараён дошт. Афсӯс, дар ин задухӯрд бисёре аз ҳамяроқони сарбози самарқандӣ ҳалок гардиданд.

Баҳори соли 1943 Тӯрақул Ҷӯраев бо гурӯҳе ба отряди партизании «Славний», ки аз 250 нафар иборат буд, пайваст. Боре хабар шуд, ки бо шоҳроҳи асосии минтақа қатораи мошинҳои низомии душман бо асбобу аслиҳа, маводи озуқаворӣ, доруворӣ ҳаракат мекунад. Партизанҳои гурӯҳи «Славний» нобаҳангом ҳуҷум карда, душманонро шикаст доданд ва тамоми техникаву маводи озуқаро ба ғанимат гирифтанд. Фашистони золим барои қасосгирӣ бо ҳавопаймо, танку тӯп ҳуҷум карда, хеле мардуми таҳҷоиро ба қатл расонданд, дар байни онҳо пиронсолон, духтарон ва бачаҳои нарасида ҳам буданд.

Як қисми партизанҳо либоси низомии немисҳоро пӯшида, гӯё чанд нафар ҳарбиёни русро «асир» гирифта бошанд, ба гузаргоҳи душманон наздик мешаванд. Яке аз онҳо, ки забони немисиро медонист, мегӯяд, ки инҳо сарбозони рус мебошанд, онҳоро чӣ бояд кард?

Немисҳои «аз нимкосаи таги коса» бехабар, хурсанд ба партизанҳо наздик мешаванд ва ҳадафи тирборони автомату туфанги онҳо мегарданду роҳ кушода мешавад.

Моҳи июни соли 1944 дар шаҳри Гродно задухӯрдҳои сахт ба амал меояд ва Тӯрақул Ҷӯраев бори дигар ҷароҳат бардошта, бо як пойи маҷрӯҳ ба ватан бармегардад ва дар мактаби зодгоҳ чун муаллим кор мекунад…

Додари ӯ Аҳрор Ҷӯраеви 16 сола дар хоҷагии ҷамоатии «Болшевик» (ҳоло «Дӯстлик») ҳамчун котиби ташкилоти ҷавонон фаъолият дошт, соли 1941 аз ҷумҳуриҳои Украина ва Молдова беш аз 80 оила ба ин ҷо кӯчонда шуд. Ғамхорӣ ба оилаҳои мусибатзада ба зиммаи ташкилоти ҷавонон афтод. Аҳрор бо кӯмаку дастгирии мӯйсафедони соҳибэҳтиром онҳоро бо манзили зист таъмин намуда, соли 1942 ихтиёран ба дифои Ватан рафт. Вай дар омӯзишгоҳи танкронӣ асрори ин касбро пурра омӯхт. Пас аз хатми омӯзишгоҳи мазкур бо рутбаи лейтенантӣ ба шаҳри Горки (ҳоло Нижний Новгород) фиристода шуд. Дар он ҷо полки танкронӣ таъсис ёфта буд.



Вай барои аз истилогарон халос кардани шаҳру ноҳияҳои Украина, Молдова, Руминия ва дигар кишварҳои Аврупо ширкат варзида, барои диловарӣ ба якчанд ордену медалҳо сарфароз шудааст.

Ҳар ду додарон – Тӯрақул ва Аҳрор Ҷӯраевҳо пас аз ба зодгоҳ баргаштан, дар соҳаҳои гуногун адои вазифа карда, барои ободу зебо гардондани шаҳру ноҳияҳои Самарқанд саҳми арзанда гузоштаанд.

Ҳарчанд онҳо ҳоло дар байни мо нестанд, фарзандону наберагон кори неку номи неки сарбозони диловари Ватанро сарбаландона идома медиҳанд. Оре:

*Намонад касе дар*
*ҷаҳон пойдор,*
*Ҳама номи некӯ бувад*
*ёдгор!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Дар акс:*** *бародарони диловари Ватан Ҷӯраевҳо.*




*Аз дидаву шунидаҳо*

## ШИФОИ ТАБСАНҶ

Дар миёни солҳои 60-уми асри гузашта дар деҳаи Чодак соҳаи тиб низ ҳанӯз он қадар ривоҷ наёфта буд. Ба аҳолӣ 1-2 нафар духтур, 3-4 нафар фелдшер ё ҳамшира хидмат мекарданд. Ба шифохонаи хурдакак, ки дар қисми болои деҳа ҷойгир буд, кӯҳансолон кам меомаданд. Зеро онҳо муроҷиатро ба «киначӣ», фолбин, гиёҳдармониву табибон афзал медонистанд.

Сардухтури онвақтаи шифохона шодравон Абдурасулхон Эшонхонов, ки каме пештар Институти давлатии тиббии Андиҷонро хатм карда омада буд, боре ҳодисаи зеринро ба мо нақл кард:

— Рӯзе мӯйсафеди шинос, ки хонааш аз шифохона дур набуд, бо дарди сар ба ҳузури ман омад. Ман барои санҷиши гармӣ табсанҷро ба зери каши ӯ гузоштам. Ин вақт хабар расид, ки дар агбаи Камчиқ садамаи автомобилӣ рӯй додаасту боэд зуд ба он ҷо равам. Ман ҳамроҳи 2 нафар ходими тиб ба ҷойи садама омада, ба шикастдидагон ёрӣ расондем. Захмиҳои вазнинро ба шифохонаи марказии ноҳияи Поп фиристодем.

Пагоҳӣ чун ҳаррӯза бо кори худ машғул будам. Дарро оҳиста кӯфта, бо рухсат мӯйсафед — бемори дирӯза даромада, ба курсӣ нишаст. Ман бо ӯ холпурсӣ кардам, шикоятҳои дирӯзаи ӯро фаромӯш накарда будам.

— Раҳмат, духтур, раҳмат, ба шумо, доруи дирӯзаатон ману кампирамро сиҳҳат кард, — гӯён дасти дуо бардошт.

Ман ҳайрон мондам, ки ба ӯ чӣ хел дору дода будам. Дар ёдам набуд. Ин вақт вай аз зери каш табсанҷи дирӯзаро бароварда ба ман дод:

— Ману кампир бо навбат ин «дору»-ро ба зери бағал монда сиҳҳат шудем.

***

Пӯлод Ҳамдам хабарнигори рӯзномаҳои «Правда Востока» ва «Учител Узбекистана» дар вилояти Наманган буд. Бо тавсияи садорати таълими халқи ин вилоят барои бачагон ва хонандагон рӯзномаи «Болалар дунёси»-ро таъсис дода, чанд сол ҳамчун муҳаррири он фаъолият бурд. Ӯ вақте ба ноҳияи мо — Поп меомад (солҳои 2007 — 2020), ба мани он айём ходими шуъбаи таълими халқи ноҳия, инчунин масъули корҳои маънавӣ ва обуна воқеаҳои аҷиберо нақл мекард. Ин ду ҳикояи зер низ аз ҷумлаи онҳост.

### «ИН ҲАМОН ПИСАРАТ-А?»

— Падарам Адҳам Ҳамдами ҳаҷвнавис дар бисёр нашриёҳои даврӣ кор мекард. Дар журнали «Муштум» ва ғайра мақолаҳои таъсирбахш менавишт. Ӯро ҳамкасбонаш «Афандии Водӣ» ном мебурданд, дӯст медоштанд.

Вақте ки падарам дар шаҳри Самарқанд кор мекард, модари хомилаамро лозим меояд ба таваллудхона баранд. Падарам зуд ба ҳузури нависандаи бузург Садриддин Айнӣ, ки дар Самарқанд кору зиндагӣ мекард, меравад. Устод аз тарафи ҳукумат бо автомобили сабукрави «Победа» мукофотонида шуда, яъне соҳибмошин буд. Падарам вазъиятро фаҳмонида, аз устод мошин мепурсад. Адиби машҳур каме ба сукут рафта, пас гуфтааст:

— Чӣ ҳам мегуфтам, хуб, фақат эҳтиёт шавед.

... Ман таваллуд шудам. Падарам ҳангоми аз шифохона баргаштан мошинро ба кӯчае мезанад.

Хонаи адиби номдор дар маркази шаҳр — наздикии Регистон буд. Мо бо падар чандин бор бо вай вохӯрдем. Дар ҳар вохӯрӣ устод ҳамон шикасти мошинро ба ёд оварда, аз падарам мепурсид: «Ин ҳамон писарат-а?»

### ОВОРА НАШАВЕД

– Падарам Адҳам Ҳамдамро ҳамсафонашон ҳамчун адиби ширинкор эҳтиром мекарданд. Аз ҳазлу мутоибаҳои ӯ завқ бурда, ба шавқ меомаданд.

Он солҳо мо дар Қӯқанд зиндагӣ доштем. Ба хонаамон дӯстони падарам тез-тез омада, дар атрофи дасторхон, сари як пиёла чой суҳбат мекарданд. Падарам ҳам бо онҳо рафтуомад дошт.

Ҷавон будам, яке аз дӯстони падарам моро ба хонаи худ кашида, нақл кард:

— Ҳазл ҳам бо роҳу меъёраш-дия. Падарат мо, 3-4 касро рӯзе ба сайри шаҳр бурда, пешниҳод кард:

— Ҳозир ба ҷое меравем. Баъд афсӯс намехӯред.

Мо ҳайрон монда, розӣ шудем. Мошин ба пеши қабристоне рафта, истод. Фикр кардем, ба зиёрати қабри кигон наздикаш омадем. Хуб, ба хайр.

Аз байни қабрҳо гузашта, ба ҷое омада, аз ҳайрат ба якдигар назар андохтем. Он ҷое, ки атрофаш бо панҷара иҳота карда шуда буду рӯяш ҳамвор ба гӯр монанд набуд.

— Узр, дӯстон, — гуфт падарат, – ин дар сари ҳар банда ҳаст. Ман ҳам вафот кунам, барои зиёрат қабрамро ҷустуҷӯ намекунед. Овора нашавед. Аз пеш ман ин ҷоро барои қабри худ тайёр карда мондам.

**Шуҳрат ИНЪОМОВ,**
**журналисти собиқадор.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Акси садо*

# ҶАРО ҚУРУТОБ ҲАМ ҶАҲОНӢ НАГАРДАД?

Аввало саломи дуруди бепоён ба дастандаркорони рӯзномаи «Овози тоҷик», ки ҳамеша барои сермазмун ба хонданӣ гардидани рӯзнома заҳмат мекашанд. Баъдан, бояд арза дорам, ки банда аз мухлисони дерини ин рӯзнома мебошам, тавассути он бо вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданин кишварамон аз наздик шинос мешавам. Инчунин аз мақолаю маводҳои гуногунмавзӯъ ба сермазмуни он як ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирам.

Аз ин лиҳоз, мехостам фикри худро нисбати як мақолаи рӯзномаи дӯстдоштаам иброз дорам. Он «Қурутоб таърихи тулонӣ дорад» ном дорад, ки дар шумораи 21 декабри соли 2024, №102 «Саҳифаи рӯзи истироҳат» чоп шудааст. Мақола бисёр ҷолиб мебошад. Муаллиф Ҳотам Файзуллоев онро хеле ба маврид ва бо заҳматҳои қобили мулоҳиза пешкаши хонандагон ва ҳаводорони рӯзнома кардааст.

Барои чунин мақолаи сермазмун ва саршор аз санаду рақамҳои таърихӣ аз муаллиф бисёр мамнунам ва изҳори ташаккур мекунам. Гайр аз ин нигорандаи он зарур шуморидааст, ки ин таоми бостонӣ ҳифз шавад ва барои бақову пойдории минбаъдааш ба созмони бонуфузи ҷаҳонӣ ЮНЕСКО пешниҳод гардад.

Камина ин фикри муаллифро куллан дастгирӣ мекунам.

Хеле хушоянд аст, ки фарзандони фозилу содиқи ҳар як миллат барои муаррифӣ ва маълуму машҳур гардонидани ҳама гуна осору ёдгориҳои моддӣ ва маънавии халқу миллати хеш заҳматҳои фаровон ба харҷ медиҳанд, лозим ояд бо ғайрату шуҷоат мубориза мебаранд.

Тоҷикон бисёр арзишҳои миллию таърихӣ доранд, ки онҳоро дунё эътироф кардааст.

«Шашмақом», «Фалак», чакан, Наврӯз, Сада, оши палав ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

Чаро хӯроки қадимае бо номи «қурутоб», ё «кашкоб» дар ин номгӯй қарор нагирад?!

**Ҷумъамурод ГАДОЕВ,**
**сокини маҳаллаи Ҳӯҷакӯрғони ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Оҳи оташ» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### *Оҳи оташ*

*Дӯш аз масҷид сӯйи майхона омад пири мо,*
*Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо?*
*Мо, муридон, рӯй сӯйи қибла чун орем, чун*
*Рӯй сӯйи хонаи хаммор дорад пири мо?!*
*Дар хароботи тариқат мо ба ҳам манзил шавем,*
*К-ин чунин рафтаст дар аҳди азал тақдири мо.*
*Ақл агар донад, ки дил дар банди зулфаш чун хуш аст,*
*Оқилон девона гарданд аз пайи занҷири мо.*
*Рӯйи хубат ояте аз лутф бар мо кашф кард,*
*З-он замон ҷуз лутфу хубӣ нест дар тафсири мо.*
*Бо дили сангинат оё ҳеҷ даргирад шабе,*
*Оҳи оташноку сӯзи синаи шабгири мо?*
*Тири оҳи мо зи гардун бигзарад, Ҳофиз, хамӯш,*
*Раҳм кун бар ҷони худ, парҳез кун аз тири мо!*

Дар тайи масири талаб ва камолхоҳӣ ҳамвора душвориҳое ҳаст ва тардиду бепуштвонагӣ аз он миён бештар худнамоӣ мекунад, ки чун ёди рӯйи маҳбуб ва зулоли ботин ҳамвора бо ошиқ ёр бошад, орзуи ошиқ бар будан ҳамноз бароварда мешавад.

Тасnифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

## ҲОТАМ ШУДА НАМЕТАВОНӢ!

Вақте Ҳотами Той аз дунё гузашт, бародараш хост ҷойи ӯро бигирад. Ҳотам саройе сохта буд, ки ҳафтод дар дошт. Ҳар касе аз ҳар даре, ки мехост, ворид мешуд ва аз ӯ чизе талаб мекард ва Ҳотам ато мекард.

Бародараш хост дар он макон биншинад ва худро мисли Ҳотам нишон бидиҳад. Модараш гуфт: «Ту наметавонӣ чойи бародаратро бигирӣ, беҳуда худро ба заҳмат наандоз».

Бародари Ҳотам таваҷҷӯҳе накард. Модараш барои исботи ҳарфаш либоси кӯҳнае пӯшид ва ба таври ношинос назди писараш омад ва чизе хост, вақте гирифт аз дари дигаре рӯҷӯъ кард ва боз чизе талабид. Бародари Ҳотам гуфт: «Ту ду бор гирифтӣ ва боз ҳам мехоҳӣ? Аҷаб гадои берӯе ҳастӣ!»

Модараш чеҳраи худро ошкор кард ва гуфт:

– Нагуфтам ту Ҳотам шуда наметавонӣ? Ман як рӯз ҳафтод бор аз бародарат ба ҳамин шакл чизе хостам ва ӯ ҳар боре бо чеҳраи хандон бароям чизеро медод.

«Бузургон сохта намешаванд, зода мешаванд».

Таҳияи **ФАРИШТА.**

## АЗ ҲАЁТИ БУЗУРГОН

Алберт Эйнштейн мегӯяд, ки ман бист сол муаллимӣ кардаам ва:

– Ҳеҷ гоҳ дафтари ҳозиру ғоиби надоштам; бояд бидуни дафтари ҳозиру ғоиб шогирдат ба дарс биёяд; ҳеҷ гоҳ саъй накардам хонандагони синфамро ғамгин нигоҳ дорам, чун синф хонаи дувуми шогирд аст; ҳеҷ гоҳ беш аз ду бор ҳарфҳоямро такрор накардам; ҳеҷ гоҳ шогирдеро чаримаи нақдӣ накардам, чун медонистам, бачаи нотавон бошад ё ятим; ҳеҷ гоҳ шогирдеро дар дафтар (идора) мунтазир накардам, чун медонистам, дар дафтар истодан шикасти ғурури шогирд мешавад; ҳеҷ гоҳ навад дақиқа дарс надодам, чун медонистам, зарфияти шогирди миёна, камхушу ба беҳуш бо ҳам фарқ дорад...

Таҳияи **Э. СОБИР.**

## МАҚОЛ ВА СУХАНИ ҲИКМАТНОК

Аз мост, ки бар мост.

***

Заҳри одамро одам мегирад.

***

Туро газад, маро чӣ ғам.

***

Ноумед – шайтон.

***

Саломи дӯстон бетамаъ не.

***

Насибаатро пеши по назан.

***

Пойи раво гул орад.

***

Дил – дили Зайнаб.

***

Таги сабр – тилло.

***

Ҳиҷолати сари вақт беҳ аз пушаймонии соҳӣ.

***

Аз рӯсиёҳ эвалло, аз дилсиёҳ вовайло.

***

Ҳар дардро вақт марҳам аст.

***

Заҳри забон аз заҳри теғ бадтар аст.

***

На ба дег меғунҷаду на ба кафлес.

***

Дунё дидан аз дунё хӯрдан беҳтар.

***

Бесавод, аммо саводомӯзи сад омӯзгор.

***

То бад нагӯй, нек пеш наояд.

***

Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ.

***

Беайб Парвардгор.

***

Худоро бо ақл шинос.

***

Оламро об зер кунад, мурғобиро чӣ ғам.

***

Ту, ки айб аз адад берун дорӣ, бар забон айби халқ чун орӣ?

***

То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст.

***

Аспи нағз дар охир метозад.

***

Некӣ куну ба дарё андоз.

***

Зӯри беҳуда миён мешиканад.

***

Бани Одам аъзои якдигаранд.

Гирдоваранда
**Собир ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи ФОРИШ.*

# ЯҲУДИЁНИ БУХОРО: САДОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ГАРДИШИ АСРҲО

Яҳудиёни бухорӣ аз қадимтарин ҷамоаҳои яҳудӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбанд, сарнавишти онҳо бо таърихи ин минтақа пайванди амиқ дорад. Ин мардум асрҳои дароз дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Хуҷанд ва ғайра зиндагӣ карда, дар рушду пешрафти тиҷорат, ҳунармандӣ, илм ва фарҳанги ин сарзамин саҳми арзанда гузоштаанд. Забони тоҷикӣ барои яҳудиёни Бухоро танҳо як забони гуфтугӯ набуд, балки василаи асосии баён, мерос ва ҳувияти фарҳангии онҳо буд. Дар хона, бозор ва ҳатто дар маросимҳои динии эшон забони тоҷикӣ шунида мешуд. Бо вуҷуди он ки яҳудиёни Бухоро дорои урфу одатҳои вижаи худ буданд, дар муҳити пур аз фарҳанги форсии тоҷикӣ ба воя расида, бо ин забони мардуми маҳаллӣ муошират мекарданд.

Онҳо дар рушди адабиёти тоҷик низ саҳм гирифтаанд. Яке аз чеҳраҳои шинохтаи ин қавм Сулаймон Юдаков буд, ки дар рушди мусиқии тоҷик саҳм гузошт. Шимъӯн Ҳакимов бошад, бо осори адабии худ шуҳрат дошт. Дар байни яҳудиёни Бухоро анъанаи шеърнависии мардумӣ хеле роиҷ буд ва онҳо рубоӣ, ғазал ва достонҳои худро бо забони тоҷикӣ месуруданд. Дар асри XX, баҳусус пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, теъдоди зиёди яҳудиёни Бухоро ба Исроил, ИМА ва дигар кишварҳо кӯч бастанд. Ин муҳоҷират боиси тағйироти ҷиддии тарзи зиндагӣ ва забони онҳо шуд. Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз дар маҳфилҳои фарҳангии яҳудиёни бухорӣ, ки дар Исроил, ИМА ва дигар мамолик фаъолият доранд, забони тоҷикӣ роиҷ аст.

Имрӯз низ баъзе яҳудиёни бухорӣ ба рушди фарҳанг ва забони тоҷикӣ саҳм мегузоранд. Яке аз намунаҳои равшани он таъсис ёфтани мактабҳо ва марказҳои фарҳангии яҳудиёни бухорӣ дар Исроил ва Амрико мебошад, ки дар онҳо забони тоҷикӣ ҳифз ва омӯхта мешавад. Бисёре аз онҳо бо забони тоҷикӣ китоб мақолаҳо менависанд, аз ҷумла таърихшиносон ва нависандагони ин қавм, ки ба омӯхтани таърихи худ таваҷҷӯҳ доранд. Ҳамчунин, дар радиову телевизионҳои интернетӣ, ки барои онҳо дар кишварҳои мухталиф пахш мешаванд, барномаҳо бо забони тоҷикӣ низ вуҷуд доранд. Ин василаҳо имкон медиҳанд, ки забони тоҷикӣ дар миёни ин қавм зинда нигоҳ дошта шавад. Ҳарчанд алҳол забони тоҷикӣ байни эшон камистеъмол аст, то ҳол чун як пояи муҳими ҳувияти онҳо боқӣ мондааст. Эшон бо нашри китобҳо, барномаҳои фарҳангӣ ва маҳфилҳои адабӣ барои нигоҳ доштани ин забон кӯшиш мекунанд. Садои тоҷикӣ дар байни онҳо – ин садои таърих, фарҳанг ва ҳувияташон аст, ки аз насл ба насл мегузарад ва робитаи онҳоро бо сарзамини таърихиашон зинда нигоҳ медорад.

Мақолаҳо дар нашриҳои бонуфузи ҷаҳон нақши муҳим ва таърихии ин ҷомеаро дар фарҳанги Осиёи Марказӣ таъкид мекунанд. Ин матолиб гувоҳи он аст, ки ҷанд муҳити зиндагии яҳудиёни бухорӣ дигар шуд, садо ва забони тоҷикӣ дар қалби онҳо ҳанӯз боқист.

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА,**
**донишҷӯйи**
**Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистону Финландия.**

## ҲИКОЯТ

Соҳиби «Нигористон» Қозӣ Аҳмади Қазвинӣ оварда, ки Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ аз аҳди туфулият (кӯдакӣ) дар хидмати Султон Маҳмуд мебуд ва бо ӯ ба дабиристон мерафт. Рӯзе бо Маҳмуд аз дабиристон берун омада, ба боғе рафтанд ва чун маҷлисе сохта нишастанд ва аз ҳар ҷо сухане дар миён овард. Сухани эшон ба зикри каёсат (зиракӣ) ва фаросат мунҷар шуд. Аҳмад даъвии фаросат карда, дар он асно марде аз дур дар миёни ҷаманҳо пайдо шуд. Султон бо Аҳмад гуфт: Чун даъвии фаросат мекунӣ, бигӯ ин мард чӣ ном дорад ва ба чи-кора аст ва имрӯз чӣ хӯрдааст!?

Аҳмад гуфт: Ин мард Аҳмад ном дорад ва наҷҷор аст ва имрӯз асал хӯрдааст.

Султон Маҳмуд он мардро талабида, истифсор (пурсидан) кард. Ҳамчунон буд, ки Аҳмад гуфта буд. Ёрон мутааҷҷиб шуданд. Аз Аҳмад пурсиданд, ки ин маънӣ аз куҷо бар ӯ зоҳир шудааст?

Ҷавоб дод, ки чун бо ман хитоб кард, ки эй Аҳмад, ӯ ба инҷо мутаваҷҷеҳ шуд, донистам, ки номаш Аҳмад аст ва чун ба дарахтҳои боғ бисёр нигарист ва ба чашми амъон дар онҳо назар мекард, аз он истидлол намудам, ки наҷҷор аст ва чун магасони бисёр бар ҳаволии даҳонаш ҳуҷум оварда буданд ва ӯ дар як лаҳза ду бор об хӯрд, гуфтам, ки асал хӯрдааст.

**Аз «Зиннат-ул-маҷолис».**



# ЛОНАИ МУСИЧА ДАР МОШИН

Соҳиби ин мошин даниягӣ аст. Азбаски мусича дар мошинаш лона гузоштааст, як моҳ сабукрави худро истифода набурд.

«Парранда барои лона сохтану ҷӯҷа баровардан мошини маро интихоб кард. Пас, ин ҷо оромтарин ҷой барои вай будааст. Ман ҳақ надорам, ки оромиву манзили онро вайрон созам. Аз ин рӯ, ғами оромии онро мехӯрам», – гуфтааст соҳиби мошин.

Чун ҳоло дар диёрамон баҳор асту паррандагон пасупеш андармони лонагузориянд, агар парранда дар мошини шумо лона сохта тухм гузорад, шумо чӣ кор мекардед?

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.30

**Нишонии мо:**
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.